12363 - Равиши намози ҷаноза

савол

Лутфан чигунагии намози ҷанозаро ба ҳамон равише, ки аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, баён намоед, зеро бисёре аз мардум онро намедонанд.

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Равиши намози ҷанозаро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва саҳобагони ӯ (Аллоҳ аз онон хушнуд бод) баён намудаанд, ки он ингуна аст:

Аввал такбир (Аллоҳу акбар) мегӯяд, сипас **"Аъузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим"** мегӯяд ва пас аз он **"Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим"** гуфта, сураи Фотиҳа ва сураи кӯтоҳ ё баъзе аз оятҳоеро мехонад.

Сипас такбир (Аллоҳу акбар) мегӯяд ва ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) салавот мефиристад, ба монанди салавоте, ки дар охири намоз хонда мешавад.

Сипас такбири саввумро мегӯяд ва барои майит дуо мекунад. Беҳтар аст, ки дуои зеринро бихонад:

اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِحَيِّنَا وَمَيِّتِنَا، وَشَاهِدِنَا وَغَائِبِنَا وَصَغِيرِنَا وَكَبِيرِنَا وَذَكَرِنَا وَأُنْثَانَا، اللَّهُمَّ مَنْ أَحْيَيْتَهُ مِنَّا فَأَحْيِهِ عَلَى الْإِسْلَامِ، وَمَنْ تَوَفَّيْتَهُ مِنَّا فَتَوَفَّهُ عَلَى الْإِيمَانِ.

اللَّهُمَّ اغْفِرْ لَهُ وَارْحَمْهُ، وَعَافِهِ وَاعْفُ عَنْهُ، وَأَكْرِمْ نُزُلَهُ وَوَسِّعْ مُدْخَلَهُ، وَاغْسِلْهُ بِالْمَاءِ وَالثَّلْجِ وَالْبَرَدِ، وَنَقِّهِ مِنَ الْخَطَايَا كَمَا يُنَقَّى الثَّوْبُ الْأَبْيَضُ مِنَ الدَّنَسِ، اللَّهُمَّ أَبْدِلْهُ دَارًا خَيْرًا مِنْ دَارِهِ، وَأَهْلًا خَيْرًا مِنْ أَهْلِهِ، اللَّهُمَّ أَدْخِلْهُ الْجَنَّةَ وَأَعِذْهُ مِنْ عَذَابِ الْقَبْرِ وَمِنْ عَذَابِ النَّارِ وَافْسَحْ لَهُ فِي قَبْرِهِ وَنَوِّرْ لَهُ فِيهِ.

اللَّهُمَّ لَا تَحْرِمْنَا أَجْرَهُ وَلَا تُضِلَّنَا بَعْدَهُ

"Аллоҳуммағфир лиҳаййино ва маййитино ва шоҳидино ва ғоибино ва сағирино ва

кабирино ва закарино ва унсоно. Аллоҳумма ман аҳяйтаҳу минно фааҳйиҳи ъала-л-ислом ва ман таваффайтаҳу минно фатаваффаҳу ъала-л-имон.

Аллоҳуммағфир лаҳу варҳамҳу ва ъофиҳи ваъфу ъанҳу ва акрим нузулаҳу ва вассиъ мудхалаҳу вағсилҳу би-л-мои ва-с-салҷи ва-л-баради ва наққиҳи мина-л-хатоё камо юнаққа-с-савбу-л-абязу мина-д-данас. Аллоҳумма абдилҳу доран хайран мин дориҳи ва аҳлан хайран мин аҳлиҳ. Аллоҳумма адхилҳу-л-ҷанната ва аъизҳу мин ъазоби-л-қабри ва мин ъазоби-н-нори вафсаҳ лаҳу фӣ қабриҳи ва наввир лаҳу фиҳ.

Аллоҳумма ло таҳримно аҷраҳу ва ло тузиллано баъдаҳу".

(Эй Аллоҳ, зиндагону мурдагонамон, ҳозирону ғоибонамон, хурдону бузургонамон ва мардону занонамонро биёмурз. Эй Аллоҳ, ҳар касеро аз миёни мо зинда нигаҳ дорӣ, бар Ислом зинда нигаҳ дор ва ҳар касеро миронӣ, бар имон бимирон.

Эй Аллоҳ, ӯро биёмурз ва бар ӯ раҳм кун ва барояш офият ато фармо ва аз ӯ даргузар ва ҷойгоҳашро гиромӣ ва қабрашро васеъ намо ва ӯро бо об ва барф ва жола бишӯй ва ӯро аз хатогиҳо чунон пок кун, ҳамчуноне ки либоси сафед аз чиркинӣ пок карда мешавад. Эй Аллоҳ, ба ӯ хонае беҳтар аз хонааш ва хонаводае беҳтар аз хонаводааш ато фармо. Эй Аллоҳ, ӯро ба ҷаннат дохил соз ва аз азоби қабр ва дӯзах эмин нигаҳ дор. Қабрашро васеъ ва пурнур бигардон.

Эй Аллоҳ, моро аз аҷри ӯ маҳрум магардон ва моро баъд аз ӯ гумроҳ масоз).

Ҳамаи ин дуоҳо аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудаанд. Аммо агар дуоҳои дигареро ҳам бихонад, ҳеҷ боке надорад, ба монанди ин дуо:

اللَّهُمَّ إِنْ كَانَ مُحْسِنًا فَزِدْ فِي إِحْسَانِهِ، وَإِنْ كَانَ مُسِيئًا فَتَجَاوَزْ عَنْ سَيِّئَاتِهِ، اللَّهُمَّ اغْفِرْ لَهُ وَثَبِّتْهُ بِالْقَوْلِ الثَّابِتِ

"Аллоҳумма ин кона муҳсинан фазид фӣ иҳсониҳи ва ин кона мусиан фатаҷоваз ъан сайиотиҳ. Аллоҳуммағфир лаҳу ва саббитҳу би-л-қавли-с-собит".

(Эй Аллоҳ, агар некӯкор бошад, бар некиҳояш бияфзой ва агар бадкор бошад, аз бадиҳояш даргузар. Эй Аллоҳ, ӯро биёмурз ва ӯро бар гуфтори собит [калимаи тавҳид] *устувор нигаҳ*

дор).

Сипас такбири чаҳорумро гуфта, каме меистад ва пас аз он ба тарафи рост як маротиба **"Ассалому ъалайкум ва раҳматуллоҳ"** гуфта, салом медиҳад.